**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои таърих Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло ба диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.**

Диссертатсияи номзадии Баҳорзода Сироҷиддини Ашур ба яке аз мавзуҳои мубрами таърихи давраи нави халқи тоҷик бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур фарогири масоили муҳимми таърихи охири асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад. Махсусан, дар доираи осори С. Айнӣ таҳлил намудани масъала ба маврид ва саривақтӣ аст. Устод Садриддин Айнӣ дар саргаҳи муҳимтарин ҳодисаи таърихи тоҷикон – таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воҳиди сиёсиву маъмурӣ барои амалӣ шудани орзуву омоли ҳазорсолаи тоҷикон хидматҳои шоиста анҷом додааст. Баррасӣ ва инъикоси корномаи ӯ барои тарбияи насли наврас аҳаммияти муҳимми сиёсӣ ва тарбиявӣ дорад. С. Айнӣ ҳамчун шоҳиди вақт таҳаввулоти сиёсӣ ва фарҳангии сарнавиштсози миллати тоҷикро дар осораш баррасӣ карда, дар бораи ҳодисаҳои охири асри XIX ва аввали асри XX назари мустақими хешро дорад. Бояд гуфт, ки навиштаҳои ӯ дар таърихнигорӣ сарчашмаи муътамади таърихӣ маҳсуб меёбад. Ин чеҳраи мондагори халқи тоҷик дар рушди ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷикон дар асри XX саҳм гузошта, дар шароити муосири Тоҷикистон бузургдошти номи ӯ масъулияти насли имрӯз аст. Махсусан, нақши С. Айнӣ дар таҳқиқу инъикоси баъзе саҳифаҳои норӯшани таърихи халқи тоҷик хеле барҷаста мебошад. Таҳқиқу баррасии осори ба таърихи халқи тоҷик бахшидаи Садриддин Айнӣ бар асоси маъхазҳои хаттӣ имкон медиҳад, ки саҳифаҳои нави таърихи гузаштаи мо мушаххас гардад.

Бо дарназардошти таҳлилу баррасии масъалаҳои муҳимми давраи мазкур аз ҷониби муаллиф, натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро метавон дар омӯзишу таҳлили вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии охири асри XIX ва ибтидои асри XX истифода намуд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш, робитаи кор бо барномаҳои таҳқиқотӣ, объекти таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми диссертатсия муайян гардидаанд.

**Боби якуми диссертатсия** зери унвони «Инъикоси масоили мубрами таърихи охири асри XIX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ» номгузорӣ шудааст ва аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якум «Вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии охири асри XIX дар таҳқиқоти С. Айнӣ» гузориш ва таҳлилу баррасии фишурдаест дар бораи сиёсати иқтисодии амирони Бухоро ва пуштибони онҳо ҳукумати подшоҳӣ ва вазъи оммаи халқ. Дар ин бахш, ҳамчунин таъсири иқтисодии Русияи подшоҳӣ, махсусан муносибатҳои сармоядорӣ ба аморати Бухоро таҳлил шудааст. Дар нимаи дуюми асри XIX дар ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоии халқи тоҷик бо зуҳури унсурҳои ҷомеаи сармоядорӣ дар ҷомеаи суннатӣ - исломӣ то ҷое тағйирот ба миён омад. Ин тағйирот, аз як тараф, ба ташаккули баъзе аз қувваҳои тараққихоҳ, махсусан табақаи зиёии таъсир гузошт. Онҳо зери таъсири ин таҳаввулот ба таҳлили вазъи замон пардохтанд. Дар ин замина баъзе асарҳои бунёди таълиф шуданд, ки назари таърихнигорӣ назир надоштанд.

Зербоби дувум ба мавзуи «Вазъи фарҳанги халқи тоҷик дар охири асри XIX аз нигоҳи С. Айнӣ» бахшида шудааст. Таҳлилу омӯзиши осори ӯ нишон

медиҳад, ки низоми макотиби асримиёнагӣ дар Бухоро ба талаботи ҷомеаи нав ҷавобгӯ набуда, ба зуҳури тамоми бадбахтиҳо аз сиёсати амирони манғит дар соҳаи илму фарҳанг сарчашма мегирифт. Ӯ дар осори худ сабабҳои асосии бӯҳрони ҷомеаро пеш аз ҳама дар низоми мавҷудаи маорифи Бухоро маънидод менамояд. Таҳқиқу омӯзиш нишон медиҳад, ки С. Айнӣ дар ин самт ҳақиқатнигориро ихтиёр намуда, бе ягон тарсу ҳарос аз амирону амалдорон низоми фалаҷгаштаи Бухороро дар осораш ёдовар мешавад.

Муаррих вазъи мактабу мадорис ва аҳли зиёро мавриди таҳлил қарор дода, аз вазъи буҳрони фарҳанг хабар медиҳад. Омили асоси ин бӯҳронро, ки тамоми соҳаҳои фарҳангро фаро гирифта буд, дар маърифатии пасти амир ва амалдорони давлатӣ медонист. Аз низоми пасти соҳаи маориф, ки замина рушди ҷомеа аст, шиква намуда, ягона роҳи аз ин бӯҳрон баромаданро дар решакан кардани ин низоми истибдодии аморат медид.

Дар зербоби сеюми боби якум – «Инъикос ва баррасии ҳаракати маорифпарварӣ дар осори С. Айнӣ» махсусияти фаъолият ва натиҷаи талоши маорифпарварон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Устод С. Айнӣ ҳамчун муҳаққиқ ва меросбари мактаби маорифпарварон дар осори хеш роҷеъ ба хусусияти ин мактаби маърифатию иҷтимоии халқи тоҷик ва намояндаҳои он маълумоти муфассал пешниҳод менамояд. Дар ин хусус зикр намудан меарзад, ки сарчашмаи тамоми маълумоти марбут ба ҳаракати маорифпарварӣ аз осори С. Айнӣ бармеояд.

**Дар боби дувум – «Масоили таҳлилу омӯзиши таърихи ибтидои асри XX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ»** се масъала баррасӣ мешавад.

Дар зербоби аввали боб – «Инъикоси паёмадҳои ҳамлаи Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна ва сиёсатҳои он дар минтақа дар таҳқиқоти Садриддин Айнӣ» ном дорад сухан аз масъалаи хеле муҳим – истилои Осиёи Миёна ва паёмадҳои ҳамроҳ шудани минтақа ба империяи Русия баррасӣ шудааст. Қайд карда мешавад, ки С. Айнӣ аз гуфтани бисёр воқеиятҳо чашм намепушад. Аз ҷумла, ҳарчанд китоби ӯ дар замоне навишта шудааст, ки

ҳукумати русҳо бар Осиёи Миёна қатъӣ буд, вале аз ғоратгариҳои лашкариёни рус дар гушаву канори Осиёи Миёна низ хабар медиҳад. С. Айнӣ марҳилаҳои асосии муносибати Русия бо Бухороро инъикос карда, дар бораи таъсироти сиёсӣ, иктисодӣ ва фарҳангии ин ҳодисаи муҳимми изҳори назар кардааст.

Дар зербоби дувум «Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои омӯзиши ҳаракати ҷадидия» мавриди таҳлилу омӯзиш карор гирифтааст. Яке аз аввалин инъиксокунандагони ҳаракати ҷадидия ва таҳқиқбарандаи мазмуну мундариҷаи он устод С. Айнӣ маҳсуб меёфт. Аз охири солҳои 80-уми асри XX ва ғолибан баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар шинохти ҳаракати ҷадидия дигаргунии комил ба миён омад. Дар дар пажӯҳишҳои ин марҳила фаъолияти ҷадидии С. Айнӣ, ки яке аз симоҳои барҷастаи ин ҳаракати тараккихоҳона ба ҳисоб мерафт, баҳои сифатан нав гирифт. Акнун дар кишвари мо таҳқиқу омӯзиш ва нашри дубораи осори давраи ҷадидии С. Айнӣ мубрамтару муҳимтар гардид.

Дар зербоби сеюми боби мазкур «Вазъи иҷтимоӣ-сиёсии ибтидои асри XX дар асоси осори С. Айнӣ» мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи он муаррихоне мебошад, ки новобаста аз мушкилоти замон ва имконоти на он қадар мусоид, ба таҳқиқи тамоми соҳаҳои ҷамъиятии таърихи ибтидои асри XX-уми халқи тоҷик пардохтааст. Махсусан, ӯ ҳамчун шоҳиди замон вазъи ҷамъиятию сиёсии ибтидои асри XX-ро дар як қатор асарҳои худ ба монанди «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Таърихи инқилоби Бухоро», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» «Ёддоштҳо» ва дигар асару мақолаҳои худ ба таври барҷаста ва дар айни ҳол бо ба инобат гирифтани усули ҳақиқатнигории таърихӣ инъикос намудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки бори нахуст дар доираи як рисолаи ҷомеъ саҳми Садриддин Айнӣ дар

омӯзиши марҳалаи муҳимми таърихи халқи тоҷик мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст:

– нақши Садриддин Айнӣ ба унвони яке аз саромади мактаби таърихнигории муосири тоҷик дар омӯзиши баъзе саҳифаҳои норавшани таърихи миллат мушаххас гардид;

– ҷойгоҳи С. Айнӣ дар омӯзиши ҳаракати маорифпарвар ошкор гардид;

– дараҷаи таҳқиқи истилои Осиёи Миёна аз тарафи Русия ва паёмадҳои он дар осори Айнӣ арзёбӣ шуд;

– вижагиҳои дидгоҳи С. Айнӣ дар бораи масоили мубрами Аморати Бухоро дар ибтидои асри XX ошкор гардид.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки ӯ саҳми С. Айниро дар бораи омӯзиши масоили асосии таърихи халқи тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар қиёс ба осори таҳқиқотии дигар муаррихон таҳлилу баррасӣ кард. Ҳамзамон, дидгоҳи ӯро ба унвони шоҳид ба масоили муҳиме чун маориф, ҳаракати маорифпарварӣ, истилои Осиёи миёна аз тарафи Русия ва паёмадҳои он, ҳаракати ҷадидия дар Аморати Бухоро ва ғайра мушаххас сохт.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар бахши «Хулоса»-и диссертатсия оварда шудааст, ки аксари онҳо аз баррасиҳои натиҷаҳои бадастомада дарак медиҳанд. Номгӯйи интишорот ва феҳристи адабиёти истифодакардаи диссертант агар аз як тараф, паҳно ва вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз тарафи дигар, бозгӯкунандаи сатҳу салиқаи баланди илмӣ-таҳқиқотии касбӣ доштани муаллифро нишон медиҳад. Ин нуктаро, ҳамчунин баҳсҳои диссертант дар мақолаҳои қаблан нашрнамудааш бо муҳаққиқони қаблии ватанию хориҷӣ, ки масъалаи мазкурро баррасӣ намудаанд, собит месозад. Ба аҳли таҳқиқ рӯшан аст, ки диссертант солҳои зиёд ба пужуҳиши масъалаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик ва инъикоси он дар осори Садриддин Айнӣ машғул буд. Мақолаҳои зиёд, маърузаю

суханрониҳои илмии ӯ, ки пайваста ба нашр мерасиданд, далели рӯшани гуфтаҳои боло мебошад.

**Мазмуну мухтавои автореферат ба мазмуни таҳқиқот мувофиқат мекунад.** Диссертатсия мустақилона иҷро шуда, таҳқиқоти анҷомёфта мебошад, ва ба ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқ аст.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои фаровони илмию таҳқиқотӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани ҳусни илмии кор аз аҳаммият холӣ нест:

1. Муаллиф дар рисола, махсусан дар қисми сатҳи омӯзиши мавзуъ осори муҳаққиқонро баррасӣ менамояд, вале он фарогири на ҳама асарҳои муҳаққиқони айнишинос мебошад;

2. Дар зербоби якуми боби аввал муҳаққиқ ҳаёти иҷтимоии халқи тоҷикро нисбат ба самти иқтисодӣ камтар мавриди баррасӣ қарор додааст;

3. Дар зербоби дувуми боби якум муаллиф роҷеъ ба нақши Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори маорифпарварӣ гуфтааст, вале дар хусуси дигар маорифпарварон тавaҷҷуҳи камтар менамояд;

4. Хуб мешуд, ки пешниҳоду тавсияҳои муҳаққиқ, ки дар қисми хотимавии рисола иброз мешаванд боз ҳам такмилу мушаххас гардонида шаванд;

5. Дар рисола баъзан хатогиҳои техникӣ ба назар мерасад, ки арзиши илмии корро коҳиш намедиҳад.

Камбудиҳои мазкур ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро коста намесозанд. Зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ва бо савияи баланди пажӯҳишӣ ба анҷом расонидааст.

Диссерататсияи Баҳорзода Саироҷиддин Ашур дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021,

таҳти раками № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад. Илова бар ин, диссертант лаёқати баланди илмӣ дошта, фаъолият ва осори илмии ӯ бевосита ба самти таърихнигорӣ иртибот ва мувофиқат мекунанд.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои таърих,**
**муовини раиси вилояти Суғд** **Ҷӯразода Ҷ.Ҳ.**

**«Тасдиқ мекунам»:**
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси дастгоҳи Раиси**
**вилояти Суғд** **Шарифзода Ғ.**

16.05.2025

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Хуҷанд, куч. Раҳмон Набиев 45**
**Тел: +(992) 4 65 09**
**E-mail: info@sugd.tj**